**ХУЛОСАИ**

**шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оиди диссертаттсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна доир ба мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия).**

**Парвандаи аттестатсионии № _______**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 21 октябри соли 2021 № 1**

Барои сазовор донистани Азимова Шабнам Раҳматуллоевна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия).

Диссертатсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна доир ба мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия), дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба анҷом расонида шуда, ба ҳимоя санаи 9 июли соли 2021 бо қарори №11-и Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, фармони Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 декабри соли 2020, № 265) фаъолият дорад, барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Азимова Шабнам Раҳматуллоевна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 1991 дар шаҳри Хуҷанд (ҳозира Суғд) таваллуд шудааст. Соли 2010 ба Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба факултети химия - биология дохил шуда, бо гирифтани дипломи муаллими химия ва биология ҳамчун бакалавр онро соли 2014 хатм намудааст. Соли 2014 ба магистратураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, институти химия ба номи А.Никитин дохил шуда, соли 2016 онро хатм намуд. Фаъолияти кории худро дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба сифати ассистенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ соли 2016 оғоз намудааст.

Соли 2017 ба докторантураи Муассисаи таълимии давлатии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, соли 2020 онро хатм намудааст. Аз соли 2017 омӯзгори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ таъин шуда то имрӯз фаъолият намуда истодааст.

Азимова Шабнам Раҳматуллоевна аз соли 2016 инҷониб дар литсейи Ориёно ҳамчун омӯзгори фанни химия ба ҳайси соатбай фаъолият намудааст. Ӯ омӯзгори лаёқатманду қобилиятнок, эҷодкору навовар буда, ҳар як дарси худро бо истифода аз шохаҳои усули фаъоли таълим, бо аёният ва воситаҳои техникӣ мегузаронад. Ҳар як дарси муаллима аз навгониҳо пур буда, хеле шавқовару пурмазмун гузаронида мешавад. Азимова Шабнам дар байни шогирдону волидон ва омӯзгорон соҳиби обрую эътибори хоса дорад.

Диссертатсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна доир ба мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст. Мавзӯъ ва роҳбари илмии Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ҷаласаи бо қарори №3 аз 25.09.2017 тасдиқ гардида аст.

**Роҳбари илмӣ: Холназаров Санг**- доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муқарризони расмӣ: Раҷабов Умаралӣ**- доктори илмҳои химия, профессор, мудири кафедраи химияи фарматсевтӣ ва захршиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино»

**Алимов Сироҷиддин**- номзади илмҳои педагогика, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар**- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи усули таълими химия. Дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз тарафи ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвақтзода Қ.Х. ва мудири кафедраи усули таълими химия, номзади илмҳои химия, дотсент Қурбонова М.З. имзо шудааст қайд шуда аст, ки диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида, ҷавобгӯй ба талаботҳои зербоби 10, 11, 12, 14, 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» тахти рақами 505 аз 26.11.2016 сол буда ҷавобгӯй буда, рисоланавис Азимова Шабнам Раҳматуллоевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда ҳисобида шавад.

Дар тақризи муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои химия, профессор, Раҷабов Умаралӣ омадаст, ки муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ

дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Теъдоди умумии интишорот 12 аз инҳо 9 мақолаи илмӣ ва 3 то фишурда дар конфиренсияи байналмиллалӣ ба чоп расонида шудааст. Дар нашрияҳои сабти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақола ба чоп расидааст.

Дар баробари бартарияти таҳқиқот баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия оиди ваҷҳҳои маърифатӣ, водоркунанда сухан меравад, лекин дар бораи нақши онҳо дар таълими химия маълумот дода нашудааст.
2. Хуб мешуд нақши маводи химиявӣ, ки дар рӯзгори ҳарруза истифода мешаванд бо мисолҳои мушаххас вобаста ба мавзӯъ нишон дода мешуд.
3. Дар кор вазифаҳои дидактикии ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» пурра муайян карда нашудааст.
4. Дар диссертатсия дар бораи принсипи бисёрзинагӣ маълумот дода шуда моҳияти он бо мисолҳои мушаххас кушода нашудааст.
5. Дар диссетатсия хатогиҳои китобатӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмӯъ, эродҳои ишорашуда арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд ва фикр мекунам, ки кори диссертатсионии Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 таҳти рақами 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Азимова Шабнам Раҳматуллоевна барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда аст.

Дар тақризи муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогика, мудири кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Алимов С навишта шудааст; аз натиҷаи маълумотҳои ба даст овардашудаи озмоишҳои муаллиф ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид» курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик»-и таҳия карда шуда, шароити зарурирo барои ҳавасмандсозии хонандагон ба омӯзиши химия муҳайё месозад. Методикаи ҳавасмандсозӣ ва ташаккули ваҷҳҳои омӯзишӣ дар дарсҳои химия бо истифода аз вазъиятҳои фаъолияти фикрӣ, кӯмаки воситаҳое, ки дар методика ошкор карда шудаанд (озмоиш, итихоб, осори санъат, супоришҳои маърифатии рушддиҳанда, машғулиятҳои амалӣ, ҷадвалҳои пешбиникунанда ва ғайраҳо), таҳия карда шудааст. Дуруст қайд сохтааст, ки истифодаи дурусти онҳо дар ҳамбастагӣ бо маводи барномавӣ сабаби ҳавасмандии хонандагон гашта, ба баланд шудани дониши онҳо аз химия мегардад.

Дар хулоса вобаста ба корҳои ба сомон расонида натиҷаҳои асосӣ ҷамъбаст карда шудаанд, тавсияҳои илмию амалии таҳқиқот мухтасар

ифода ёфтаанд ва натиҷаҳои илмии он пешниҳод карда шудааст.

Мувафақиятҳои рисолаи мазкур ниҳоят зиёданд, вале бар замми ин муваффақиятҳо як қатор камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки онҳоро чунин ишора кардан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия дар бораи талаботҳои фаъолияти таҳқиқотӣ сухан меравад, лекин нақши фаъолияти фикрӣ дар ҳалли масъала кушода дода нашудааст.

2. Дар диссертатсия оиди аҳамияти шавқу ҳаваси маърифатӣ маълумот дода шудааст, вале моҳияти интегралию бедоркунандагии ваҷҳҳо аз мадди назар дур мондааст.

3. Хуб мешуд, ки дар бораи абстраксия ҳамчун роҳи дарк ва кушодани қонунҳо маълумоти мушаххас пешниҳод мегардид ва ҷойи он дар миёни равандҳои фикрӣ муайян карда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия таҳқиқотҳои олимони тоҷик ниҳоят кам ба чашм мерасанд, аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар рисола таҳқиқотҳои олимони тоҷик бештар истифода мешуданд. Бар зами ин, он таҳқиқотҳои солҳои охире, ки олимони рус ва хориҷа вобаста ба ташаккулёбии ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиш дар хонандагон гузаронидаанд, бештар таҳлил мегашт.

5. Дар матни диссертатсия нуқсонҳои услубию имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъианд ва ба арзиши илмӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои рисоларо дар шакли фишурда пурра нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи ҳаҷми иҷроиш, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии барои дифоъ пешниҳод карда шуда, натиҷаҳои асосии илмии ба даст оварда ва миқдори мақолаҳои ба чоп расонида рисолаи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна зери унвони «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти илмӣ – тахассусии анҷомёфта ба шумор меравад ва ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда ҳисобида мешавад.

Ба автореферати диссертатсия чор тақриз ворид шуданд. Дар онҳо қайд қарда мешавад, ки кори иҷрошуда таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба ҳамаи талаботҳо оид ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

**1.** Доктори илми химия, дотсенти кафедраи химия ва биологияи тиббии Муассисаи давлатии талимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон”, Ғафуров Б.А.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати доктори PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**2.** Номзади илмҳои химия, дотсент, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раҳмонов Р.О. чунин овардааст:

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, муносибати системавӣ, такя намудан ба услуби таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ), инчунин услубҳои ба ҳар як марҳала мувофиқ, иштироки бевоситаи муаллиф дар санҷиши таҷрибавию озмоишӣ ба сифати омӯзгор, тамоюл ба корҳои назариявӣ, тасдиқи мафҳумҳо баён гардида, мутобиқати хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомадаро ба натиҷаҳои озмоиши педагогӣ таъмин менамоянд.

Бояд гуфт, ки автореферати доктори фалсафа (PhD) Азимова Шабнам Раҳматуллоевна таҳти унвони «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгу ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) арзанда ҳисобида мешавад

**3.** Номзади илмҳои педагогӣ, сaромӯзгори кафедраи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Азимов Р.Р.:

Рисоланавис Азимова Шабнам Раҳматуллоевна қайд мекунад, ки ҳамаи шакли фаъолият дар таълими химия, аз ҷумла таълими маърифатӣ низ ба талаботи илмӣ-дидактикӣ асос ёфтааст. Лекин ваҷҳ ҳамаи намуди фаъолият (меҳнат, муносибат, дарк намудан)-ро ҳавасманд менамояд. Барои ҳамин масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар таълими химия ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд овардани шавқу ҳавас ба маълумоти химиявӣ мансуб мешавад.

Боиси зикр аст, ки автореферати диссертатсияи муаллиф Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар асоси ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф карда шудааст. Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Азимова Шабнам ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

**4.** Номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалӣ Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" Ҳакимхуҷаев С.Н.:

Мазмун ва муҳтавои афтореферат,мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамояд. Бо назардошти арзиши

илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Аз ҷониби муалиф барои боз ҳам беҳтаргардонӣ ва баланд бардоштани сатҳи таълими химия ба воситаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Барои он ки ҳангоми таълими химия ваҷҳҳои «муфид» ташаккул ёбанд, барномаи таълимии химия бояд боз ҳам бо маводи иттилоотӣ аз муҳити табиӣ ва сунъии зист пурра карда шавад.

2. Бояд дар назар дошт, ки гузаронидани дарс дар асоси харитаи фаълнокии фикрӣ барои хонандагон хеле шавқовар буда, зимнан афзоиши шумораи вазъияти фикрӣ шавқоварии дарсро хеле баланд намуда, ваҷҳҳои шавковарро ташаккул медиҳад ва сабаби баланд шудани азхудкунии мавод мегарданд, шавқ ба дарс ба дарки беҳтари мавод мусоидат менамояд.

3. Ба таври эҷодкорона гузаронидани дарс, гузоштани саволҳои ихтилофнок ба хонанда имконият медиҳад, ки фикр кунад ва мустақилона ҷавоб ёбад, ин дар он ҳавасмандиро бедор мекунад ва фаъолияти фикрӣ ва эҳсосотиро ба таҳрик меорад. Дар ин ҷо барои азхудкунии зудтару осонтар, аниқу чуқуртари маводи таълимии химия шароити мусоид пайдо мешавад.

4. Истифодаи шеърҳо, дубайтиҳо, сабтҳои гуногуну рангини табиат (об, замин, ҳаво), нишон додани иштироки бевоситаи моддаҳои химиявӣ дар зебоии муҳити зист ва сайёра таълими химияро шавқовар, нақши онро дар назди хонандагон баланд мебардоранд ва кӯшиши онҳоро дар бораи ҳарчи хубтар донистани олам, таркиби химиявии он зиёд менамояд.

5. Дарсҳое, ки асоси онҳоро шавқоварӣ, харитаи фаъолнокӣ ташкил менамояд ва дорои 3 то 9 вазъияти фаъоли фикрӣ мебошанд, ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид»-ро аз 3 то 9 балл ташаккул медиҳанд, яъне ташкил ва гузаронидани чунин дарс талаботи вақту замон мебошад.

6. Истифодаи курси «Муҳити зист аз нигоҳи химик» ва амсоли он ки маводи иловагиро аз ҳаёти ҳаррӯзаи хонанда дар бар мегиранд, нишонаи он аст, ки дар ҳақиқат «Химия ба инсон дасти ёрӣ дароз мекунад», ба ташаккул ёфтани ваҷҳҳои «муфид» оварда мерасонад.

7. Дар таълими химия истифода намудани маводи гуногуни манбаъ дар ҳамбастагӣ (географӣ, физикӣ, химиявӣ, иқтисодӣ, санъат) маводи таълимии химияро бой гардонда, барои ташаккул ёфтани ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид» шароти мусоид муҳайё месозад, ҳавасмандии хонандагонро ба фанни химия зиёд мегардонад.

8. Муносибатро бояд ба машғулияҳои амалӣ, корҳои озмоишӣ тамоман таъғйир диҳем, чунки химия фанни таҷрибавист, истифодаи доимии онҳо омили муҳимми муваффақиятнокии таълими химия дар муассисаҳои таъсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

9. Истифодаи амсилаҳо, ҷадвалҳо, расмҳо, чистонҳо ва дигар воситаҳои таълим, ки бо кумаки онҳо вазъияти фаъоли фикррониро ба вуҷуд овардан мумкин аст, азхудкунии маводи таълимии химиявиро осон намуда, ба салоҳиятнокии омӯзиш сабаб мешавад.

10. Методикаи ташаккул додани ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид»-ро ки истифодаи онҳо сабаби ҳавасмандӣ ба фанни химия мегардад, дар раванди таълими дигар фанҳо истифода кардан мумкин аст.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ ба фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқот дар озмоиши педагогӣ комёб шудааст. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд, ки қиммати ин корро тағйир намедиҳад. Аз ин рӯ муаллифи кор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) сазовор аст.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз тарафи диссертант барои расидан ба ҳадаф, адабиёти зиёд омӯхта шуда, масъалаҳои химиявӣ тасниф гардидаанд. Ҳамзамон ҳаҷми бениҳоят калони кори илмӣ - методӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми се сол дар таҷрибаҳои озмоишӣ 300 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейи шаҳри Бохтар иштирок намуда, натиҷаҳо дар шакли ҷадвалҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшуда аҳамияти бениҳоят калони илмию методӣ ва амалӣ дошта, барои истифодабари салоҳиятнокӣ дар таълими фанни химия зарур аст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ-методӣ ва амалӣ ба автореферати диссертатсия мазкур баъзе эродҳои алоҳидаро қайд намудан ба маврид аст:

1. Дар диссертатсия оиди ваҷҳҳои маърифатӣ, водоркунанда сухан меравад, лекин дар бораи нақши онҳо дар таълими химия маълумот дода нашудааст.

2. Хуб мешуд нақши маводи химиявӣ, ки дар рӯзгори ҳарруза истифода мешаванд бо мисолҳои мушаххас вобаста ба мавзӯъ нишон дода мешуд.

3. Дар кор вазифаҳои дидактикии ташаккули ваҷҳҳои «шавқовар» пурра муайян карда нашудааст.

4. Дар диссертатсия дар бораи принсипи бисёрзинагӣ маълумот дода шуда моҳияти он бо мисолҳои мушаххас кушода нашудааст.

Эродҳои овардашуда дараҷаи дастовардҳои умумии мусбии кори диссертатсионии мазкурро, ки аҳамияти калони илмӣ-методӣ ва амалӣ дорад, паст наменамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешаванд, ки онҳо соҳиби тахассусияти зарурӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. -Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия) мебошанд.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 12 мақола ва тезис нашр шуда, аз он 9 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олӣ аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Номгӯи муҳимтарин мақолаҳо ва китоби дарсӣ, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамояд:

[1-M] Азимова Ш.Р. Воспитание мотивации и ее возрастные особенности [Матн] / **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - № 8. -С. 245-250. ISSN 2074-1847

[2-M] **Азимова Ш.Р.** Проблема мотивации учения химии в методики преподавания предмета [Матн] / **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - № 9. -С. 267-272. ISSN 2074-1847

[3-M] **Азимова Ш.Р.** Некоторые условия образования мотивов заинтересованности учащихся на уроке химии [Матн] / **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - № 10. -С. 271-276. ISSN 2074-1847

[4-M] **Азимова Ш.Р.** Состояние изучения проблемы мотива и мотивации в психологической науке [Матн] / **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 1. -С. 282-286. ISSN 2074-1847

[5-M] **Азимова Ш.Р.** Мафҳум ва таърифҳои ҳавасмандӣ дар таҳқиқоти психологию педагогии муосир [Матн] / **Азимова Ш.Р.,** Холназаров С., Азимов Р.Р., Назаров А.О. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 6. -С. 245-250. ISSN 2074-1847

[6-M] **Азимова Ш.Р**. Ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ тавассути таълими интерактивӣ [Матн] / Холназаров С., **Азимова Ш.Р.,** Азимов Р.Р., Назаров А.О. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 7. -С. 261-266. ISSN 2074-1847

[7-M] **Азимова Ш.Р.** Ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши фанни химия тавассути рушди мустақилият ва таълими масъалавӣ [Матн] /Холназаров С., **Азимова Ш.Р.**, Азимов Р.Р, Назаров А.О..// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 8. -С. 255-260. ISSN 2074-1847

[8-M] **Азимова Ш.Р.** Шароити ташаккули ангезиаи "Муфид", дар дарсҳои химия [Матн] / Холназаров С., **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав: – Бохтар, 2019. - № 1/3 (65). -С. 249-254. ISSN 2663-5534

[9-M] **Азимова Ш.Р.** Хусусиятҳои ваҷҳҳои таҳсил дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / **Азимова Ш.Р.** // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2019. - № 1/3 (65). -С. 233-237. ISSN 2663-5534

б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:

[1-M] Азимова Ш.Р. Таҳқиқоти хосияти физико химиявии алюмино-силикатҳо дар маъданҳо [Матн] / Азимова Ш.Р., Назаров А.О., Маматов Э.Д. //Маводи конференсияи илмӣ назариявӣ "Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технология" бахшида ба 25- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон: - Душанбе, -2016. – С. 39-41

[2-M] Азимова Ш.Р. Об сарвати бебаҳо ва асоси ҳастии ҳаёт [Матн] / Азимова Ш.Р., Азимова Н.Т., Гулмуродова М.С. // Материалы международной научно – практической конференции "Развитие

гидроэнергетики– развитие Таджикистана” 20 декабря 2018 года, район Кушониён, Хатлонская область, республика Таджикистана. – Кушониён, -2018. – С. 156-160.
[3-М] Азимова Ш.Р. Ташаккули шахсият дар дарсҳои беруназсинфӣ дар мавзӯи “Олами наботот” [Матн] / Азимова Ш.Р., Азимова Н.Т., Азимов Р.Р., Наимова М.С. // Материалы международной научно– практической конференции “Наука – движатель развития” 20 апреля 2020 года, район Кушониён, Хатлонская область, Республика Таджикистан.– Кушониён 2020. -С. 51-53

Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти диссертант қайд менамояд, ки:

1. Инъикоси масъалаи ҳавасмандӣ ва ваҷҳҳои омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия ва накши онҳо дар ташаккули шахсияти хонанда равона гардида, муқарар гардонида шуд.
2. Омӯзиши маводи барои зиндагии ҳаррӯза зарур ва накши онҳо дар фаъолсозии фаъолияти фикрии хонандагон, ташаккули ваҷҳҳои мусбати ботинӣ, ҳавасмандӣ ба фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барраси карда шудааст.
3. Шароитҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш, омили муҳимми шавқмандии хонандагон ба дарсҳои химия Методикаи ташаккул додани ваҷҳҳои «шавқовар» ва «муфид»-ро ки истифодаи онҳо сабаби ҳавасмандӣ ба фанни химия мегардад, дар раванди таълими дигар фанҳо истифода кардан мумкин аст; муайян карда шуд
4. Таҳлили натиҷаи методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар мисоли курси «Муҳити зист-аз нигоҳи химик», практикуми рушддиҳанда ва санҷиши озмоишии онҳо бошад ҳам; муқарар карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки вазъи омӯзиши масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия муайян карда шуд; меъёрҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд; принсипи омӯзиши мавод - муносибати бисёрзаминавӣ пешниҳод карда шуд.

Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шудааст; усулҳои пешниҳод кардашударо дар мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс, лексияҳои проблемавӣ, суҳбатҳои эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо) вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бомуваффақият истифода кардан мумкин аст; тавсияҳои методиро оид ба ташаккул ва истифодаи ваҷҳҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

**Баррасии эътимоднокии** натиҷаҳои таҳқиқот, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, муносибати системавӣ, такя намудан ба услуби

таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ (эмпирикӣ), инчунин услубҳои ба ҳар як марҳала мувофиқ, иштироки бевоситаи муаллиф дар санҷиши таҷрибавию озмоишӣ ба сифати омӯзгор, тамоюл ба корҳои назариявӣ, тасдиқи мафҳумҳо баён гардида, мутобиқати хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомадаро ба натиҷаҳои озмоиши педагогӣ таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**. Тамоми марҳалаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили интихоби мавзӯъ, муайян кардани ҳадаф, объекти таҳқиқот, асоснокӣ ва аҳамиятнокӣ, асосҳои методологию назариявӣ, мушоҳида, муқоисаи маълумот ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ – озмоишӣ тасдиқ менамояд.

Дар ҷаласа 21 октябри соли 2021 шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Азимова Шабнам Раҳматуллоевнаро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктирони илм мутахассисони аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 , номзадони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия). Овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил - 1, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионии6D.КОА -044**
**дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**доктори илмҳои химия, профессор** **Бандаев С.Г.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА -044 дар назди Донишгоҳи**
**Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи**
**С. Айнӣ, номзади илмҳои химия, дотсент** **Гулов Т.Ё.**

**21 октябри соли 2021.**